АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

# ДАРМОНБАХШ

E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 9 (30) 23 декабри соли 2020, чоршанбе
(Оғози нашр: соли 2017)

## ТАБРИКОТИ ДИРЕКТОРИ МДТ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ» АЗИЗЗОДА ЗУБАЙДУЛЛО БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2021 ВА ҲИСОБОТИ ҶАМБАСТИИ СОЛИ 2020

Омӯзгорон ва донишҷӯёни гиромӣ! Дӯстони азиз! Боиси хушнудист, ки шумораи навбатии рӯзномаи «Дармонбахш» дар арафаи Иди Соли нав аз чоп баромад ва чанд рӯз пас мо Соли нави 2021-ро истиқбол мегирем. Аз фурсат истифода бурда, бо фарорасии Соли нав ҳамаи омӯзгорон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз»-ро аз номи ҳайати мушовараи коллеҷ ва шахсан аз номи худам самимона табрик менамоям. Ба Шумо ва наздиконатон тансиҳатию хонаободӣ ва дар кору фаъолият баҳри рушду пешравии ҳарчи бештари Тоҷикистони соҳибистиқлол комёбию муваффақиятҳои беандоза орзумандам.

Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз” супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сармашқи кори худ намуда, дар соли хониши 2019-2020 таълиму тарбияро дуруст ба роҳ монда, баҳри ҳиссагузорӣ дар ободии кишвар мебошанд. Раванди таълим мутобиқи нақшаҳои таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ба роҳ монда шудааст.

Айни замон Коллеҷ дорои 2-бинои таълимӣ. 1-бинои хобгоҳ барои донишҷӯён, 1-ташхисгоҳҳои таълимӣ-лабораторӣ.1-маркази таълимӣ-истеҳсолии фарматсептӣ.1-маркази таълимӣ - табобатии стоматологӣ бо устохонаи дандонсозӣ.1-маркази омӯзиши малакаҳои амалии ҳамширагӣ. 97-кабинетҳои таълимӣ. 3-синфхонаи компютерӣ. 1-майдончаи варзишӣ.1-толори варзишӣ.1-толори маҷлис барои 110 нафар мебошад. Аз оғози сол кабинети ташхиси лабораторӣ, 16 синфхонаи таҳхонаи бинои №1 таълимӣ, нуқтаи тиббӣ, роҳравҳои дохили бинои №1 таълимӣ сафолпӯш гардида, толори маҷлигоҳ пурра аз таъмири капиталӣ бароварда шуданд.

Дар коллеҷ осорхонаи доктори илмҳои тиб профессор Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ташкил карда шуда, бо адабиёти таълимӣ, аёниятҳо ва тахтаи электронӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки ҳамчун синфхонаи “Асабшиносӣ” истифода бурда мешавад. Таъмири бинои асосӣ давом дорад. Айни замон сохтмони бинои хобгоҳ барои донишҷӯён иборат аз 9 ошёна барои 750 нафар идома дошта, ҳоло зиёда аз 60%-и корҳои сохтмонӣ дар он ба анҷом расонида шудаанд. Аз моҳи январи соли 2020 баҳри беҳтар намудани раванди таълим 47 адад компютер, 15 адад принтерҳо, 6 адад проектор бо тахтаҳои электронӣ, 1 адад курсии дандонпизишкӣ, 350 адад мизу курсӣ барои синфхонаҳои таълимӣ харидорӣ карда шудааст. Айни замон шумораи компютерҳо дар Коллеҷ 156-адад, принтерҳо 156-адад, тахтаҳои электронӣ 12 адад, проектори мултимедӣ 75 ададро ташкил медиҳад.Барои дар сатҳи баланд гузаронидани машғулиятҳои фанни анатомия ба коллеҷ 3 адад скелет ва 2 адад муляжҳои замонавии таълимӣ харидорӣ карда шудааст.

### ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Дар соли хониши 2020 маъмурият ва омӯзгорон 220-соат дар дарсҳои ҳамдигар иштирок намуданд. Аз оғози сол 23 дарси кушоду намунавӣ, 5-конференсияи илмӣ - сиёсӣ, 4-конференсияи илмӣ - назариявӣ, 14-озмуни касбии тахассусӣ, озмуни «Аниси кунҷи танҳои китоб аст» ва мизҳои мудаввар доир ба мавзӯҳои мубрами соҳа гузаронида шуданд. Дар охири соли таҳсил пеш аз оғози имтиҳонҳои тобистона ҷадвали гузаронидани машварату дарсҳои иловагӣ барои ҳамаи ихтисосҳои таълимӣ омода гардида, аз тарафи ҷонишини директор оид ба таълим тасдиқ карда шуда буданд. Бо мақсади пешгирии паҳншавии бемории сироятии COVID-19, дар синфхонаҳои таълимӣ, пӯшидани ниқобҳои муҳофизатӣ риоя гардида, фосилаи иҷтимоӣ ба инобат гирифта мешавад. Бинобар сабаби авҷгирии пандемияи короновируси навъи «COVID-19», имтиҳонҳои сессияи тобистона пеш аз мӯҳлат аз санаи 20.04 соли 2020 то 27.04 соли 2020 дар асоси ҷадвали имтиҳонот гузаронида шудаанд. Дар коллеҷ ҳамагӣ 3887 нафар донишҷӯён сессияи навбатиро ҷамъбаст намуданд, ки аз ин шумора 3192 нафарро духтарон, 695 нафарро писарон ташкил медиҳанд.

Аттестатсияи хатм низ бо сабаби пандемияи COVID-19 пеш аз муҳлат қабул гардид. Имтиҳонҳои давлатӣ мутобиқи Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.04.2017, №1234 тасдиқ карда шудааст ба роҳ монда шуд. Раисони комиссияи аттестатсияи хатм тибқи фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби устодону табибони ботаҷриба, вобаста ба ихтисосҳо таъйин карда шуданд. Санаи 11 уми декабри соли 2020 дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” озмуни беҳтарин “Омӯзгор ва донишҷӯи сол” барои соли таҳсили 2019-2020 ҷамъбаст гардид. Ҳайати комиссияи озмунӣ ғолибонро муайян намуд. Дар озмун ҷойи аввалро Назарова Озода - омӯзгори фанни “Таърихи халқи тоҷик”, ҷойи дуюмро Бобоев Ёрмуҳаммад - омӯзгори фанни “Анатомия” ва ҷойи сеюмро бошад Розиқова Ҷамила - омӯзгори фанни “Биология бо асосҳои генетика” ишғол намуда, бо ифтихорнома ва тӯҳфаҳои пулӣ сарфароз гардиданд.

Донишҷӯи беҳтарини сол аз рӯи нишондодҳои давомоти баланд, сатҳи баланди донишазхудкунӣ, иштирок дар озмунҳои фаннӣ ва чорабиниҳои сиёсӣ-тарбиявӣ аз ҷониби комиссия муайян карда шуданд. Ҳамин тариқ Авғонова Гулистон - донишҷӯи курси 2 юми факултети “Кори табобатӣ”, Камолова Малика - донишҷӯи курси 2 юми факултети “Кори момодоягӣ”, Маҳмадова Дилноза- донишҷӯи курси 2 юми факултети “Кори ҳамширагӣ”, Раҳмонова Шарифамо- донишҷӯи курси 3 юми факултети “Кори фармасевтӣ”, Баҳриддинов Салоҳиддин- донишҷӯи курси 3 юми факултети “Кори дандонсозӣ”, Шарипов Абубакр - донишҷӯи курси 3 юми факултети “Кори тиббӣ-ташхисӣ” ва Ризвонов Сангалӣ - донишҷӯи курси 3 юми факултети “Кори тиббӣ-профилактикӣ” ҳамчун ғолибони озмун бо ифтихорнома ва тӯҳфаҳои пулӣ қадрдонӣ карда шуданд. Кори комиссияи қабул тибқи нақшаи чорабиниҳо оид ба ташкил ва гузаронидани қабули довталабон, барои соли таҳсили 2020-2021 аз тарафи раиси Шӯро тасдиқ карда шудааст, сурат гирифт. Баъди бо муваффақият супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ дар Маркази миллии тести назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои донишҷӯёни бахши якум тақсимоти даври аввал аз 24 июл то 05 августи соли 2020 ва тақсимоти даври дуюм аз 17 август то 22 августи соли 2020 идома ёфт. Нақшаи қабул барои соли таҳсили 2020-2021 аз ҷониби маркази тестӣ ба пуррагӣ иҷро гардид. Аъзоёни бахши назорати сифати таҳсилоти коллеҷ якҷоя бо экспертҳои фаннӣ санҷишҳо гузарониданд, ки натиҷааш чунин аст. Аз ҷумла аз оғози соли таҳсил дар гурӯҳҳои факултети кори табобатӣ, курсҳои 4- ум дар 14 гурӯҳ санҷиши сифати таҳсил тариқи тестӣ гузаронида шуд, ки сифат дар он 62,1% - ро ташкил дод.



### КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ

Аз оғози сол корҳои зерин дар ин самт ба анҷом расонида шудаанд: Чорабиниҳои тантанавӣ-тарбиявӣ, бахшида ба 25-умин солгарди таъсисёбии Артиши миллӣ, бахшида ба «Рӯзи Модар». Конференсияҳои илмӣ-назариявӣ «Об манбаи ҳаёт», “Пешгирии ВНМО”, озмун бахшида ба «Солҳои 2019-2021-солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», конференсияи таълимӣ-назариявӣ, бахшида ба рӯзи 24 -уми март - рӯзи умумиҷаҳонии «Мубориза алайҳи бемории сил» ташкил ва баргузор карда шуд. Аз оғози сол 6-дарси намунавии тарбиявӣ доир ба мавзӯъҳои қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», “Терроризмро маҳкум мекунем”, “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз тарафи устодон баргузор гардиданд. Моҳи март бахшида ба «Солҳои 2019-2021-солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «Наврӯзи байналмилалӣ», «Рӯзи Модар» аз тарафи омӯзгорон 8 мақола дар нашриёти даврӣ аз чоп баромаданд. Донишҷӯёни коллеҷ дар озмунҳои шаҳрии намоиши либосҳои миллӣ, иншои беҳтарин дар мавзӯи «Ҷавонон нерӯи созандаи миллатанд» иштирок намуда, ҷойҳои сазоворро соҳиб гаштанд. Донишҷӯён дар вохӯрии фаъолдухтарон бо иштироки раиси занони вилоят, озмуни «Ҷилваи ҳунар», чорабинии тантанавӣ дар вилоят, бахшида ба «Рӯзи Модар», «Беҳтарин ҷавонони ватандӯст» иштирок доштанд. Санаи 19 марти соли 2020 вохӯрӣ бо намояндагони прокуратураи шаҳри Кӯлоб оиди омӯзиши Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Рӯзи 5 ноябри дар толори муассиса Конференсияи илмӣ – сиёсӣ дар мавзӯи “Конститутсия бахтномаи миллат” бахшида ба 26 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи омӯзгорони кафедраи фанҳои “Гуманитарӣ” баргузор гардид.

с. 3

Ба даст овардани дунё ҳунар нест,
Якеро, гар тавонӣ, дил ба даст ор. Саъдӣ



**12- ДЕКАБР - РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ ДАРБАРГИРИИ ХИЗМАТРАСОНИИ УМУМИИ ТАНДУРУСТӢ**

# ҲАМАИ АҲОЛӢ БОЯД БА ХИЗМАТРАСОНИИ УМУМИИ ТАНДУРУСТӢ ДАСТРАСӢ ДОШТА БОШАНД

**Ҳадди ақал нисфи аҳолӣ дар ҷаҳон наметавонанд хизматрасониҳои асосии тандурустиро қабул кунанд.**

**Наздики 100 миллион одам дар ҳолати ниҳоят фақирӣ маҷбуранд дар як рӯз бо истифодаи 1,90 доллари амрикоӣ ва ё аз он камтар зиндагӣ кунанд ва барои он ки ба онҳо лозим меояд барои хизматрасонии тиббӣ аз воситаҳои шахсии худ пардохт кунанд.**

**Зиёда аз 800 миллион одам (қариб 12% аҳолии кураи замин), қариб камтарин 10% буҷаи оилавии худро барои хизматрасонии тандурустӣ харҷ мекунанд.**

**Ҳамаи давлатҳои аъзои СММ розӣ шуданд барои муваффақият \комёбӣ\ дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустӣ то соли 2030 дар доираи мақсадҳо дар масъалаи тараққиёти мутобиқгашта ҷаҳд намоянд.**

**Роҳила СОДИҚОВА,**
**донишҷӯи курси 1, Кори ҳамширагӣ, КТК**



Ба гуфтаи падару бобоёнамон дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустӣ дар даврони собиқ Ҳукумати Шӯравӣ ба дараҷаи лозима чавобгӯ буд. Аҳолӣ пурра ба таври лозима аз хизматрасониҳои тиббӣ ройгон бархурдор буд. Ҳама намуди табобат барои дилхоҳ шаҳрванди собиқ шӯравӣ ройгон буданд. Кӯдак баробари таваллуд шудан сари вақт ваксинаҳои бударо ва муаяншударо дар вақту соаташ ва дар ҷояш мегирифт. Ҷолиб он буд, ки аҳолӣ ба таври доимӣ ҳар шаш моҳ пас тариқи рентгени сайёр деҳа ба деҳа ва мактаб ба мактаб аз ташхиси рентгенӣ гузаронида мешуд ва нафарони гирифтори беморӣ маҷбурӣ ройгон хобонда шуда, ба табобат фаро гирифта мешуданд. Имрӯз илму техника пеш рафтааст, вале на ҳама имкониятҳо аз хизмати тиббӣ истифода карданро доранд. Барои он ки бисёри хизматрасониҳо мувофиқи қарори 600 Ҳукумати кишвар пулакӣ шудаанд. Ба ҷуз аз эмгузаронӣ, ки онро ҳам баъзан дар баъзе манотиқи дурдаст ва ҳатто қариб низ ҳақи хизмат гуфта, пинҳонӣ пул меситонанд.

**Манижа ДАВЛАТОВА,**
**донишҷӯи курси 1, Кори ҳамширагӣ, КТК**



Пушида нест, ки кишвари мо Тоҷикистон низ дар масъалаи хизматрасониҳои тандурустӣ мушкилиҳои зиёде дорад, мо нав 30 солагии соҳибистиқлолии кишварро ҷашн мегирем. Метавон гуфт, мо дар даври гузариш қарор дорем. Ҳамчунин, сохтори қабулшудаи хизматрасонӣ ба замони имрӯза мувофиқ кунонида шудааст. Аз нисф зиёди хизматрасониҳои тиббӣ пулакӣ ҳастанд, ки барои мардуми ҷои корӣ надошта, бисёр мушкил аст. Рафту шахс ба беморӣ гирифтор шавад, ва ё нафаре аз аъзоёни оила агар касал шавад барои табобати он маблағи зиёд лозим мешавад, то ба ҷои хобондан бурдан ва аз ташхис гузаштан ва ба табобат фаро гирифта шудан. Дар қарори қабул карда шудаи ҳукумати кишвар кӯдакони то 1 сола, беморони ВНМО, иштирокчиёни ҶБВ, ҷанговарони интернатсионалист, чернобилчиён ва ҳомиёни ватан, маъюбони гурӯҳи 1, ки ба ин гурӯҳҳо шумораи ками одамон дохил мешаванд аз хизматрасонии тиббии пулакӣ озоданд. Дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустӣ дар ҳар ҷо ҳар хел аст. Дар ҳақиқат дар деҳаҳои дурдаст мардум аз марказҳои саломатӣ дур ҳастанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ ва дар фаслҳои сармо ва боронҳои сел мушкилоти хизматрасонии тандурустӣ дар онҳо бараъло мушоҳида мешавад.

**Моҳшариф ШАРИФОВА,**
**донишҷӯи курси 1, Кори ҳамширагӣ, КТК**



Барои мисол, холо ҳам дар мо дар деҳаҳои кӯҳистони дурдаст бунгоҳҳои тиббӣ намерасанд ва агар онҳо дар деҳаҳои наздиктарин бошанд ҳам аз рӯи зарурат дар хонаҳои шахсианд. Мо дар минтақа ҳанӯз ҳам аз 70 то 100 деҳаи бебарқ дорем, ки аксарияти онҳо дар ноҳияҳои кӯҳистони минтақа қарор доранд. Модоме, ки дар ин мавзеъҳо деҳаҳои бебарқанд пас аз куҷо дар ин деҳаҳо бунгоҳи тиббӣ буда метавонад? Чунки дар бунгоҳи тиббӣ будани барқ ҳатмист ва дар он мавҷуд будани яхдон барои нигоҳ доштани ваксинаҳои барои эмгузаронӣ бояд қарор дошта бошад, вагарна ваксина дар фасли гармо хусусиятҳои табобатии худро гум мекунад. Набудани барқ гувоҳи мавҷуд будани мушкилоти дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустиро нишон медиҳад.

**Ҷомӣ ДАВЛАТОВ,**
**донишҷӯи курси 2,**
**Кори фармасевтӣ, КТК**

Авҷгирии пандемияи короновируси навъи «COVID-19», мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоии мардумро боз бештар кард. Истеҳсолот як муддат кам гашт, бекорӣ авҷ гирифт. Дар баробари ин мушкилоти дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустии мардум низ ба мушкилот рӯ ба рӯ шуд. Паҳншавии ин бемории сироятии ҳамагир гувоҳи на ҳама ба дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустӣ таъмин буданро дар олам нишон дод. Кадом кишвар дар кадом сатҳ хизматрасонии умумии тандурустиаш ба аҳолиаш қарор дорад, исбот кард, ин бемории ҳамагир. Ҳамчунин, дар самти тандурустӣ кишварҳо чӣ миқдор маблағ аз буҷа ҷудо мекунанд, ҳар кадомаш маълум шуд ва дар ҳамин ҳолат ба мушкилот рӯ ба рӯ омаданд. Кишваре, ки камтар аз буҷааш ба соҳаи тандурустӣ маблағ ҷудо мешуд, мардумаш бештар осеб дид ва дар давраи авҷгирии куруно ин гурух кишварҳо бисёр мушкилӣ доштанд.



**Гулнора ОДИНАЕВА,**
**муаллимаи асосҳои кори ҳамширагӣ ва тиби оилавии КТК**



Дувоздаҳуми декабри соли 2012 асамблеяи генералии СММ резолютсия қабул кард, ки дар он вай таъкидан гаштаю баргашта кишварҳоро даъват кард прогреси кори пешравии дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустиро тезонанд – принсипҳо, мувофиқ ба оне, ки ҳар як инсон, дар куҷое, ки он қарор надошта бошад, бояд дастрасӣ ба сифатнокии хизматрасонии тиббии санитарӣ на он қадар қиммат, харчанд, ки ин приоритети муҳими тараққиёти байналмилалӣ ба ҳисоб меравад дошта бошад. Дувоздаҳуми декабри соли 2017 СММ дар резолютсияи 71/138, 12 декабрро Рӯзи умумиҷаҳонии дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустӣ эълон кард.

Ҳамаи ин рӯзҳои таърихӣ пеш аз ҳама барои он аз ҷониби СММ ва ё ТУТ эълон шуда, ҷашн гирифта мешаванд, ки ин ё он мушкилии мардум хоҳ он дар соҳаи тандурустӣ аст, хоҳ дар дилхоҳ соҳаи дигари иҷтимоӣ барои ёфтани роҳи ҳалли худ. Ё ақаллан кам шудани мушкилот дар ҳамон самт мешавад.

**Назирамоҳ ҚУРБОНОВА,**
**муаллимаи асосҳои кори ҳамширагӣ ва тиби оилавии КТК**



Рӯзи умумиҷаҳонии дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустӣ \ДХУТ\ дар бораи лозими дар устуворӣ ва мутобиқии системаи тандурустӣ ва дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустӣ баландбардории воқиф, хабардор \огах\ будан даъват шудааст. Ҳар сол 12 декабр тарафдорони \ДХУТ\ дар бораи ҳаёти миллионҳо нафар одамон нақл мекунанд, онҳое, ки ҳама боз интизори кӯмаки тибианд, муваффақиятҳое, ки мо қайҳо ба даст овардаем ид мекунанд. Пешвоҳоро даъват мекунанд ҳаҷм ва маблағгузории сифатро дар самти тандурустӣ баланд бардошта ва ба гурӯҳҳои гуногун тавсия медиханд ӯҳдадориҳоро ба зима гирифта, кӯмакрасонҳо ба дунёи муваффақият \ДХУТ\ то ба соли 2030 наздик кунанд.

Мақсади дарбаргирии хизматрасонии умумии тандурустӣ бештар дастрас мегардад, бо шарофати васеъшавии дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва технологӣ, бо ҳамроҳ кардани ваксинаҳо ва антибиотикҳо, ҳамчунин паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар тамоми дунё. Барои он ки ба ҳар як шахс таъмини ҳуқуқи солимӣ додан, бояд пешвоёни сиёсӣ дарк кунанд, ки дар баргирии умумии хизматрасонии тандурустӣ кадом фоидаи иқтисодӣ, молиявӣ ва ё иҷтимоӣ мерасонад.

**Ҷамиламоҳ ҲАЙТОВА,**
**мудири кафедраи фанҳои Гуманитарии МДТ КТК**



Системаи структурии СММ, ҳамкорони оиди протсеси тараққӣ ва иштирокчиёни дигар ташаббусҳои ҷавобгӯ, чунин ба монанди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти тандурустӣ ба манфиати дарбаргирии аҳолӣ ба хизматрасонии умумии тиббӣ- санитарии то соли 2030, ба давлатҳои – аъзо кӯмак мекунанд ба манфиати таъминкунӣ ва мустаҳкамкунии мунтазам ва дарбаргирии хизматрасонии умумии тиббӣ дар сатҳи миллӣ ба мақсади васеъкунии дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ барои намоёндагони гурӯҳи бештар осебпазири аҳолӣ.

12 декабри соли 2012 дар резолютсияи қабулшуда «Солимии аҳолии дунё ва сиёсати беруна» пешниҳод шуда буд масъала оид ба бахси таъмини умумии тиббӣ, ба даъвати рӯз дахл дошта дар масъалаи тараққӣ дар давраи баъди соли 2015 дар алоқаи мушкилот, алоқаманди дошта ба саломатии аҳолии кураи замин. Давлатҳои аъзо муҳимияти дарбаргирии умумии масъаларо эътироф карданд дар доираи системаи миллӣ тандурустӣ, мухсусан бо кӯмаки механизми аввалиндараҷаи хизматрасонии тиббӣ санитарӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, бо он то ки таъмин кунад дастрасӣ ба хизматрасонии тандурустӣ барои ҳама, аз ҷумла барои гурӯҳи камтаъмини табақаи аҳолӣ.

**«Дармонбахш»**

ДАРМОНБАХШ
АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМ

МУАССИС:
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ

САРМУҲАРРИР
Билоли ШАМС

МУШОВИРОН:
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, мушовири директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фариддун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Абдусамадзода Бахтулло, ҷонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 034/РЗ-97 аз 15. 09. 2017 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (918) 81 – 17 – 92

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail:
darmonbakhsh2017@mail.ru

*Иштибоҳро ислоҳ накардан иштибоҳи дигарест.*
*Конфутсий*



# ТАБРИКОТИ ДИРЕКТОРИ МДТ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ» АЗИЗЗОДА ЗУБАЙДУЛЛО БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2021 ВА ҲИСОБОТИ ҶАМБАСТИИ СОЛИ 2020

16 ноябри соли 2020 дар толори маҷлисгоҳи Коллеҷ конференсияи таълимӣ доир ба мавзӯи “Пешвои тоҷикони ҷаҳон”, бахшида ба Рӯзи Президент аз тарафи омӯзгорони кафедраи фанҳои “Гуманитарӣ” гузаронида шуд.

Рӯзи 24 – уми ноябр бошад дар саҳни Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматуллло Азиз” Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баландии 12 метр дар ҳаҷми 4х2м насб карда шуд. Ҳамчунин, ҳамон рӯз дар Коллеҷ Конференсияи таълимӣ доир ба мавзӯи “Парчамат парафшон бод, Тоҷикистон!” аз тарафи муаллимони кафедраи фаннҳои “Гуманитарӣ” баргузор гардид. Санаи 1-уми декабр дар Коллеҷ аз тарафи омӯзгорони кафедраи кори ҳамширагӣ, бахшида ба Рӯзи байналмилалии мубориза алайҳи бемории ВНМО/АҒНМ бо иштироки устодону донишҷӯён ташкилу баргузор карда шуд.




## ЧОРАБИНИҲОИ ВАРЗИШӢ ВА ФАОЛИЯТИ НУҚТАИ ТИББӢ

Коллеҷи тиббӣ дорои майдони варзишӣ ва толори варзишии замонавӣ мебошад, ки имкон медиҳад дар он машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва мусобиқаҳои гуногун гузаронида шаванд. Дар чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бокс байни духтарони соли таваллудашон 2000-2003, ки рӯзҳои 21-23 октябри соли 2020 дар шаҳри Кӯлоб баргузор гардид, донишҷӯи факултети «Кори момодоягӣ» Ҳамидзода Меҳринисо гурӯҳи 410 фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойи 2-юм гашт. Дар Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тенниси рӯи миз, ки санаи 02-05 ноябри соли 2020 дар шаҳри Душанбе, бахшида ба Рӯзи Кониститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, донишҷӯ Раҳматуллоева Б. аз гурӯҳи 314- и факултети “Кори табобатӣ” иштирок намуда, сазовори ҷойи 2-юм гардид.

Дар муассиса оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла COVID - 19 чорабиниҳои профилактикӣ гузаронида мешаванд. Барои гузаронидани чорабиниҳои безараргардонӣ ба коллеҷ 100 литр маҳлули 18%-и гипохлориди натрий ва як адад таҷҳизоти безараргардонӣ (пулверизатор) харидорӣ карда шудааст. Коллеҷ бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои безараргардонӣ бо муассисаи давлатии дезенфексияи профилактикии шаҳри Кӯлоб шартномаи хизматрасонии тиббию санитарии мӯзднок аз 01.01 соли 2020, №55 бастааст, ки дар як моҳ як маротиба мувофиқи шартномаи мазкур дар коллеҷ чорабиниҳои безараргардонӣ гузаронида мешавад. Дар соли ҷорӣ бо мақсади пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла COVID-19, 150 кг хокаи хлор, 100 литр маҳлули 18%-и гипохлориди натрий, 50 литр спирт, 1700 адад ниқоб, 25 адад антисептики 1 литра харидорӣ карда шудааст. Айни замон дар коллеҷ 92 литр маҳлули 18%-и гипохлориди натрий, 35 литр спирт, 15 адад антисептики 1 литра ва 7 адад ҳароратсанҷи фосилавӣ, мавриди истифода мебошанд. Аз тарафи як нафар духтур ва се нафар ҳамшираҳои тиббӣ пайваста назорати сироятӣ карда мешавад.

## ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶӮЁН ВА КИТОБХОНА

Дар Коллеҷ тамоми намуди таҷрибаомӯзии донишҷӯён тибқи Низомнома “Оид ба таълими амалӣ дар Коллеҷҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар фармону фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, раванди таҷрибаомӯзӣ аз тарафи ҷонишини директор оид ба таълими амалӣ назорат карда мешавад. Таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз ҷониби 9 кафедраҳои мувофиқ, ки дар замиинаи коллеҷ фаъолият мекунанд ва аз ҷониби мутахассисони соҳибтаҷриба, омӯзгорони соҳиби унвонҳои илмӣ, дараҷаҳои тахассусии касбӣ дошта, амалӣ гардонида мешаванд. Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ-истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ, ки дар муассисаҳои тиббӣ-профилактикӣ, дорухонаҳо ва лабораторияҳо вобаста бо фанҳои ихтисосӣ гузаронида мешаванд ва марҳилаи охирини таълимӣ ба шумор рафта, боз ҳам ба ташаккул ва соҳиб гардидан ба малакаҳои касбӣ нақши муҳим доранд.

Аз моҳи январ ба китобхона 1984 адад китоб ворид шудааст, аз ҷумла китобҳои тахассусӣ 1731 адад, китобҳои бадеӣ 253 адад. Хазинаи китобхона ҳамагӣ 18 773 адад адабиётро ташкил медиҳад, аз ҷумла адабиёти тахассусӣ – 6689 адад, бадеӣ 11 876 адад ва таърихӣ-сиёсӣ 208 адад. Дар китобхона 27 адад асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳфузанд, ки донишҷӯён ва омӯзгорон онҳоро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Соли ҷорӣ китобхона аз таҳхона ба ошёнаи якум кӯчонида шуда, ҳуҷраҳои он аз таъмири капиталӣ бароварда шуданд. Ҷевонҳои китобгузорӣ аз нав сохта шуда, мизу курсиҳо низ нав гардиданд. Ҳамчунин дар назди китобхона китобхонаи электронӣ ташкил карда шуд, ки он бо 10 адад компютер ва 1 адад принтер таъмин карда шуд. Ба китобхона хати интернет пайваст гардид. Хазинаи китобхонаи электронӣ зиёда аз 10 000 нусха адабиёти таълимиро дар шакли электронӣ дар бар мегирад, ки донишҷӯён ва омӯзгорон аз он васеъ истифода мебаранд.

## ЗАМИНАИ КАДРИИ КОЛЛЕҶ, ФАЪОЛИЯТИ МЕТОДӢ ВА ШАРОИТИ МАНЗИЛИЮ МАИШИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар Коллеҷ ҳоло 519 -нафар омӯзгорон фаъолият доранд, аз он ҷумла 169– нафар омӯзгорони асосӣ, 350 - нафар соатбайъ.12 нафар кормандони Коллеҷ бо медали “Аълочии тандурустӣ”, 32 нафар омӯзгорон бо медали “Аълочии маорифи Тоҷикистон” қадрдонӣ карда шудаанд. Дар Коллеҷи тиббӣ 5 номзадони илм, аз ҷумла 2 нафар номзади илмҳои тиб, 1 нафар номзади илмҳои филологӣ, 1 нафар номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, 1 нафар номзади илмҳои педагогӣ, дотсент мебошанд. 59 (34,9%) омӯзгорон дорои дараҷаи тахассусии олӣ, 21 (12,4%) – нафар дорои дараҷаи тахассусии якум ва, 23 (13,6%)– нафар бо дараҷаи тахассусии дуюм фаъолият мекунанд, ки дар умум 103 (60,9%) - ро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти корҳои методӣ тибқи нақшаи корӣ аз ҷониби директори таълимгоҳ тасдиқ карда шуда, ба амал бароварда шуд. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби методисти коллеҷ 21 мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва тамоми барномаҳои таълимӣ (силабусҳо) дида баромада шуданд ва барои тасдиқ пешниҳод карда шуданд.Аз тарафи методисти коллеҷ пайваста дар байни донишҷӯён корҳои методӣ гузаронида мешаванд, аз ҷумла ҳуҷҷатгузории омӯзгорон, методикаи машғулиятгузорӣ пайваста назорат карда шуда, камбудиҳои ҷойдошта ислоҳ карда мешаванд.

Айни замон дар хобгоҳ 525 нафар донишҷӯдухтарон истиқомат мекунанд. Пеш аз оғози соли таҳсил хобгоҳ аз таъмири капиталӣ-умумӣ бароварда шуд. Бо мақсади омодагӣ ба давраи зимистонгузаронӣ тамоми тирезаҳои бино шишабандӣ карда шуданд. Ҳамчунин, пеш аз оғози соли таҳсил барои донишҷӯён 150 адад матрас, 100 адад болишт, 150 адад рахти хоб 40 адад ҷевони либос, 25 адад кати хоби дуқабата дастрас карда шуд. Ҳамчунин нуқтаи тиббии хобгоҳ аз таъмир бароварда шуда, бо мизу курсӣ ва ҷевони доругузорӣ, кати тиббӣ таъмин карда шуд. Ба хобгоҳ хати нави оби ошомиданӣ оварда шуда, ҳаммомҳо ва 8 адад ошхонаҳо дар ошёнаҳои он аз таъмир бароварда шуда, бо обгармкунакҳои барқӣ ва таҷҳизоти дастшуяку хӯрокпазӣ таъмин карда шуданд.

## ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Коллеҷ баҳри беҳтар намудани равандУ сифати таълим ва омодасозии мутахассисони миёнаи тиббӣ, табодули таҷриба ҳамкориро бо як қатор муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ, баъдидипломии ватаниву хориҷӣ, Пажӯҳишгоҳҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ ба роҳ мондааст. Аз он ҷумла коллеҷ бо ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони маориф, ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ, Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ва ғайра. Ҳамчунин бо як қатор ташкилотҳои байналхалқӣ аз қабили Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ), намояндагии институти тропикӣ ва тандурустии ҷамъиятии Швейтсария, ЮНФПА (Хазинаи нуфузи аҳолии СММ), Коллеҷҳои тиббии шаҳри Санкт-Петербург, ш.Бишкек, ш. Нур-Султон, ш.Волгоград, ш. Тошканд барои мустаҳкам намудани пояи моддӣ-техникӣ, табодули таҷриба ва омодасозии мутахассисони ба талаботҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ ҳамкории самаранок дорад.

Ҳамкорӣ бо Агентии Швейтсариягӣ оид ба рушд ва ҳамкорӣ. Лоиҳаи \ “Ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ дар Тоҷикистон”

Дар доираи ҳамкорӣ бо ташкилоти мазкур дар Коллеҷ маркази омӯзиши малакаҳои амалии ҳамширагӣ ташкил карда шуд, ки он аз се утоқи барҳаво иборат буда, бо тамоми муляжҳои замонавии электронӣ барои омӯзиши малакаҳои амалии ҳамширагӣ таъмин карда шудааст. Дар асоси фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии молиявии ташкилоти мазкур аз 08.05 соли 2019, №127 омӯзгорони коллеҷ дар ҳайати гурӯҳи корӣ ба шаҳри Санкт-Петербург сафари корӣ доштанд. Мақсади сафари таълимӣ аз омӯзиши таҷрибаи Коллеҷҳои тиббии ш.Санкт-Петербург оид ба омодасозии мутахассисони миёнаи тиббӣ ва шиносоӣ бо сохтору коргузории муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии (КАТС)-и шаҳр иборат буд.

## РӮЗНОМАИ КОЛЛЕҶ ВА КУМИТАИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБАИ МУАССИСА

Рӯзномаи коллеҷ таҳти унвони “Дармонбахш” моҳе 1 маротиба бо теъдоди 3000 нусха нашр карда мешавад. Дар рӯзнома мақолаҳо дар хусуси чорабиниҳои асосии сиёсӣ, тараққиёт ва дастовардҳои соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон, дастовардҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни коллеҷ, мақолаҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни коллеҷ оиди масъалаҳои гуногун, аз ҷумла пешгирӣ ва табобати бемориҳо ба чоп мерасанд.

Дар давоми соли 2020 аз тарафи кумитаи иттифоқи касабаи омӯзгорон барои пешгирӣ ва табобати бемории COVID -19 дар муассиса 3600 сомонӣ сарф карда шуд. Аз ҷумла 15 адад антисептик ва 200 адад ниқобҳои муҳофизатӣ харидорӣ карда шудааст. Кӯмаки пулӣ ба табақаи камбизоати кормандони коллеҷ 1600 сомонӣ ёрдампулӣ дода шуд. Барои конференсияи иншои беҳтарин 400 сомонӣ сарф карда шудааст. Дар рӯзи модарон 8-уми март ба 117 нафар бонувони коллеҷ ва ба муносибати иди “Наврӯз” ба 171 нафар кормандони муассиса аз ҳисоби кумитаи иттифоқи касабаи коллеҷ 12000 сомонӣ ҷудо карда шуд. Дар рӯзи кормандони соҳаи маориф, ба 32 нафар омӯзгорон, дар ҳаҷми 250с, ба миқдори умумии 8000 сомонӣ мукофотпулӣ тақдим карда шуд. Дар озмуни “Муаллими сол” барои 3 нафар омӯзгорони беҳтарин ҳамагӣ 2400 сомонӣ ҷудо карда шуд. Барои истироҳат дар санатория ба 1 нафар корманди коллеҷ 600 сомонӣ ҷудо карда шуд.

## МУШКИЛИҲО ВА НАҚШАИ ҲАЛЛИ ОНҲО

Новобаста аз дастовардҳои дар боло зикргардида, дар Коллеҷ мушкилиҳои зерин ҷой доранд: омӯзгорони асосӣ аз фанҳои тахассусӣ, таҷҳизотҳо, олотҳои тиббии муосир, аёниятҳои замонавӣ, реактив ва таҷҳизотҳои махсус барои корҳои лабораторӣ намерасанд; Ҳамчунин, нарасидани адабиётҳои муосир аз фанҳои клиникӣ ва махсус, кабинетҳои таълимӣ дар заминаҳои таълими амалӣ (муассисаҳои тиббӣ-профилактикӣ ва фарматсевтӣ) ва дар шароитҳои номусоид ҷойгир будани кафедраҳои клиникӣ, аёниятҳо ва рекативҳо барои корҳои амалӣ мушоҳида мешавад. Инчунин, мавҷуд набудани дармонгоҳ ва клиникаи наздиколлеҷӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёнро метавон қайд кард. Коллеҷи тиббӣ тасмим гирифтааст, бо дастгирии Ҳукумати ҶТ, ВМ ва И ҶТ, ВТ ва ҲИА ҶТ, ВРИ ва С ҶТ минбаъд муассисаро бо омӯзгорони тахассусӣ таъмин намуда, сохтмони хобгоҳи нотамоми барои 700 нафар донишҷӯёнро ба охир расонида, китобҳои таълимии омодакардашуда ба забони давлатиро аз чоп бароварда, ҳамаи кафедраҳо ва толорҳои лексиониро бо компютеру дигар таҷҳизотҳои эллектронии чопӣ, тахтаҳои электронӣ таъмин намояд. Ҳамчунин, таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои тандурустии шаҳри Кӯлоб пурзур намуда, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимӣ-методӣро вусъат диҳад. Инчунин, дигар мушкилиҳои дар боло номбаршударо маъмурият ва коолективи коллеҷ ҳал намуда, баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, малакаву маҳоратомӯзии касбии донишҷӯён тибқи стандартҳои байналмилӣ талош мекунад.

Бидуни донистани он ки ман кистам ва чаро омадаам, зиндагӣ душвор.
Афлотун

ДАРМОНБАХШ
№ 9 (30) 23 декабри соли 2020




**Рӯзи 24 – уми ноябр дар саҳни Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз” Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баландии 12 метр дар ҳаҷми 4х2м насб карда шуд.**

# МУҲАББАТИ ОИЛА-ДАРМОНБАХШИ МОСТ!

Дӯстдорӣ ва муҳаббат яке аз неъматҳои беҳтарин ва пуркувватарини ҳамаи махлуқони рӯи олам аст , ки онро ягон бозу мағлуб карда наметавонад. Бе муҳаббат рӯҳи инсон солим буда наметавонад. Инсон бе меҳру муҳаббат зиндагӣ кунад ҳам рӯҳан мурдааст.Ишқу муҳаббат он қадар бузург аст ,ки инсонро рӯҳан ба само парвоз мекунонад,Лайливу Маҷнун мекунад. Ва инсоне, ки ин сирро намедонад, лаззати онро чашида наметавонад. Фидокорӣ ва бахри дигарон зистан яке аз ҳиссиёти олитарини инсонист ва сарчашмаи ин ҳама муҳаббат аст.

Онҳое, ки фидоии ин роҳ шуданд барои эшон ҳеч чиз монеа намешавад. Инсон аз тариқи муҳаббат ба дили кас роҳ меёбад дигар барояш ҳеҷ гуна мушкилие рух намедиҳад. Хуш ба ҳоли касоне, ки муҳаббатро пешаи худ кардаанд. Ҳамаи хубӣ бо меҳру муҳаббат оғоз мешавад.

Дӯстӣ даъвои ҳама дарду ранҷу ғам аст. Оилаҳоямон бошанд сарчашмаи меҳру муҳаббат мебошанд. Агар муносибати ҷавонон бо аҳли оилаашон хуб бошад, пас ҳама мушкилӣ бо муваффақият ҳал мешавад,чунки мебинед , ки ӯ ҳамеша ба оилаи худ эҳтиёҷ дорад.

Муҳаббат аз азал дар батни мо вуҷуд дорад.Танҳо баъзеҳо инро медонанд ва баъзеҳо онро ҳис намекунанд .Ин муҳаббат барои мост.Чунки инсон барои порчае аз муҳаббати бузург офарида шудааст. Агар мо



инро дарк кунем ва ҳис намоем пас бо ҳамин восита ҳамаи хатогиҳоро ислоҳ карда метавонем, бо ин роҳ ҳама мушкилиҳо ҳал мешаванд.

**А.З.РАҲМОНОВ,**
**омӯзгори кафедраи Биологӣ ва умумитиббии КТК ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз**

# ДИРАФШИ КОВИЁН

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри 20-ум аст, ки ташаккул ёфт, сабзид ва амалӣ шуд. Ин барои мардуми Тоҷикистон беҳтарин ва муқаддастарин неъмат, буда моҳияти таърихии он заминаи рушду нумуи иқтисодиёт, ҳуқуқ, сиёсат фарҳанг, илм ва соҳаҳои мухталифи ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Соҳибистиқлол гардидан орзӯи деринаи ҳар як миллату давлат мебошад, боиси ифтихор ва сарфарозист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин дастовард ноил гардид. Ҳар як давлати мустақил ва соҳибистиқлол ба воситаи парчаму муқаддасоти давлаташ худро муаррифӣ менамояд. Аз ин лиҳоз парчам дар баробари конститутсия, нишон ва суруди миллӣ аз ҷумлаи муқаддасоти милливу давлатдорӣ буда, Конститутсия шиносномаи давлату миллат ҳисобида шуда, парчам ва парчамдорӣ яке аз суннатҳои қадими давлатдорӣ ва рамзи ватандорию ватандӯстӣ мебошад. Мардуми тоҷик зери ин парчами ваҳдату якдилӣ устуворона қадам гузошта ба хотири сохтани ҷомеаи мутамаддин дар қатори дигар муқаддасоти Ватан, Парчами давлати худро,ки ормони ҳар як миллати озодихоҳ аст, ба таври ҷовидона муқаддас нигоҳ медорад. Агар мо дар бораи ин муқаддасоти миллӣ ҳарчанде, сухан гӯем хело ҳам кам аст, зеро Парчам матои оддӣ набуда, дар он гуфтаҳои зиёду пурмазмун дарҷ гардида, бо ранго рангии худ мазмунашро пурчилло ва парафшон мекунад.

Парчам таърихи сиюнимҳазорсола дошта, аввалин бор дар Эрон, Чин ва Мисри қадим ба вуҷуд омадааст. Парчамро Алам, Дирафш, Байрақ, Ливо ҳам мегӯянд. Мардуми Ориёӣ парчамро «Дирафш» меноманд,аввалин дирафше,ки мо аз таърихи он огаҳӣ дорем, Дирафши Ковиён ё Дирафши Кова аст. Вожаи «Дирафш» тоҷикасл ва куҳнатарин аст, ки ҳанӯз дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ифода ёфтааст.

Дар бобати пайдо шудани Парчам ҳикояти басо ҷолиб омадааст, ки тавассути «Шоҳнома»-и безаволи А.Фирдавсӣ то ба мо омада расида аст. Агар мо саҳифаҳои таърихро варақгардон намоем, огаҳӣ пайдо мекунем, ки «Шоҳи Тӯрон Арҷосп бо шоҳи Ориён Гуштосп ҷанг эълон кард. Ҷанг се рӯз давом ёфта, бо ғалабаи лашкари Тӯрон хотима ёфт. Сарлашкари Тӯрон бе дирафш сипаҳбанди Ориён Зарриро куштa, Дирафши Ковиёнро гирифта назди Арҷосп бурд. Тӯрониён аз ин ғолибият шодмонӣ карданд, Ориёниҳо бошанд аз мотами сипаҳбанд ва Дирафши худ ғамгин нишастанд. Баъдтар Гуштосп писари худ Исфандиёрро ба ҷанги Арҷосп фиристод. Исфандиёр бо лашкари зиёд ба Турон лашкар кашида, ғалаба ба даст овард ва Дирафши Ковиёнро боз пас гирифта ба Ватан баргашт».

Аз иборахои дигар гирем лашкаре,ки ғолибият ба даст меовард рамзи ғолибияти худ парчамро дар пешвои лашкари худ парафшон мекунад. Коваи оҳангар, ки аз зулму бедодгарии Заҳҳоки хунхор ба дод омада буд, лашкари худро ба самти Заҳҳоки аждаҳосар равона карда, пешдомани чармини худро чун ба сари силоҳи худ рамзи Дирафш афрӯхт ва болои сар бардошта мардумро зери он ба ягонагию муттаҳидӣ даъват намуд.

Аз мазмуни ҳикоя бар меояд, ки «Коваи оҳангар» дар баробари лашкаркашиҳо ба муқобили душман бо парафшонии парчам мардумро ба шӯриш даъват намуда,ин пешбандро «Диравши Коваён»- ном гузоштаанд. Ҳамаи подшоҳоне, ба сари қудрати шоҳи меомаданд, дирафшро ҳамчун рамзи нерую тавоноӣ ва лашкаркашию кишваркӯшоӣ зебу зинат мебахшиданд. Ҳар яке аз паҳлавонону лашкаркашон байни дирафши худ нақшеро мегузоштанд,ки ин далерию ҷасорат ва зурию нотарсиро ифода мекард. Пайваста бар ин дар парчами Тоҷикистон нақши ҳафт ситора бо тоҷи зарин тасвир ёфта,бо рангорангии пурмазмунаш тавонад миллати тоҷикро муаррифӣ намуда, ҷои махсуси худро дар харитаи ҷаҳонӣ ишғол намояд.

Боиси ифтихори ҳар яки мост, ки баъди гузашти асрҳо аз нав соҳиби Парчами миллат, рамзи давлати мустақилу соҳибихтиёр гардидем. Фарҳанги миллати куҳанбунёду тамаддуни мо тоҷикон аст, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва заҳмати шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 24-уми ноябр рӯзи Парчам эълон шудааст. Мардуми кишвар ҳамчун чашни умумимиллӣ ҳар сол ин рӯзи таърихиро бо шукуҳу шаҳомати воло ҷашн мегиранд,ки ин ҳам сарбаландии миллат ва парафшонии парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин бар меояд. ки миллати тоҷик аз қадим дорои рамз ва Парчами миллӣ мебошанд. Парчам рамзи давлату давлатдорӣ буда, бо дидани он эҳсоси Ватандорӣ дар дили ҳар як шахс ҷӯш мезанад ва масъулиятшро зиёд мегардонад.

Тамоми мардумони олам ба парчами давлати худ содиқат ва эҳтиром доранд. Эҳтиром ва арҷгузорӣ ба парчам ҳамчун рамзи эҳтиром ва арҷгузорӣ ба давлати соҳибихтиёри худ, қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии ҳар як фарди ҷомеа мебошад, ки ин ҳам сарбаландии миллат ва парафшонии парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Эҳтиром кардану арҷ гузоштан ба парчам маънии эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои деринаи таърихист. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ин дастоварди бузург дар таърихи навини тоҷикон ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи воқеаҳои сиёсӣ дар интиҳои, карни гузашта ва баъди пош хурдани собиқ иттиҳоди Шӯравӣ амалӣ гардид.

**Сайлонбӣ ДАВЛАТОВА,**
**омӯзгори МДТ КТК**




**Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Дармонбахш» ба омӯзгорон:**

**УМЕДАИ ШЕРАЛӢ, 03.12.1990,** муаллимаи фанни ҳуқуқ;
**ФАРИДДУНИ ҶУМЪАХОН, 07.12.1991,** муаллими фанни анатомия;
**ҒАФФОРОВ МИЗОМУДДИН, 10.12.1957,** муаллими фанни химия;
**ГУЛОВ БАХТИЁР, 14.12.1985,** муаллими фанни технологияи информатсионӣ;
**ГУЛБАРГИ АМРИДДИН, 19.12.1994,** муаллимаи фанни забони тоҷикӣ;
**ҲАКИМОВА МАНЗУРА, 20.12.1977,** муаллимаи фанни забони лотинӣ;
**НАБОТОВА МОҲИРА, 22.12.1996,** лаборант;
**КӮЛОБИЕВ САТТОР, 24.12.1967,** муаллими фанни физикаи тиббӣ;
**НАИМОВА РИСОЛАТ, 25.12.1983,** муаллимаи фанни бемориҳои даруна; декани факултет;
**ҚАРЧИЕВА ШУКРОНА, 27.12.1993,** лаборант;
**БАРОТОВА МАРҶОНА, 29.12.1986,** муаллимаи фанни микробиология;

**ки дар моҳи декабр ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнҳо дуои бардавоми умр ва бароруи муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди сахиву бахшоянда хоста, аз номи шоир баҳрашон гуфтанием:**

**Маҳу осмон бошад раҳнамоятон,**
**Замину осмон гӯяд саноятон,**
**Ҳамеша гул бирезад зери поятон,**
**Калиди бахт бошад даркӯшоятон.**
**Эй ҳусни баҳор зодрӯзатон табрик,**
**Бо бахт ҳазор зодрузатон табрик,**
**Хушбахту саодату саломат бошед,**
**Бо авҷу барор зодрузатон табрик,**

**Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру хоҳишҳояшон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мо муборакбод мегӯем.**

**ЗОДРӮЗ МУБОРАК ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!**